«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х
_______________
«29» 12 с.2022

## ХУЛОСАИ
### ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13 – иқтисоди ҷаҳонӣ дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Қодирзода Фарҳод Анвар дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Қодирзода Фарҳод Анвар аз соли 2002 дар кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳсилро оғоз карда, онро соли 2007 бо дипломи аъло хатм кардааст. Аз соли 2007 то инҷониб ба ҳайси ассистент сипас дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон адои вазифа карда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 28.12.2013, №5, дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 21.01. 2014, №6 ва бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ 28.02.2014, № 10 тасдиқ карда шудааст.

Мушовири илмии докторант узви вобастаи АМИТ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло мебошад.

Бояд қайд намуд,ки рисолаи доктории Қодирзода Ф.А. дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои кафедраҳои "Иктисодиёти ҷаҳонӣ", "Молия ва суғурта" ва "Кори бонкӣ"- и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 17 майи соли 2022, суратмаҷлиси №15 муҳокима гардидааст. Ба рисолаи докторӣ аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи докторӣ дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

1. **Баҳои кори иҷрошуда.** Рисолаи доктории унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дотсент Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба мавзӯи мубрам бахшида шудааст. Таҳқиқоти илмӣ бо забони шевои тоҷикӣ ва бо асосноккунии илмӣ навишта шуда, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Дар рисолаи илмӣ мақсад ва вазифаҳо пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд. Далели нокифоя будани омӯзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, сабаби ба мавзӯи мубрами таҳқиқот табдил ёфтани масъала мегардад.

Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари манфиатдор ба қабули сармоягузории хориҷӣ, зарурати таҳкими робитаи мутақобил бо бозори ҷаҳонии сармоя ба миён омадааст. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати саноатӣ ва махсусан, саноатикунонии босуръат ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат буда, ба таъмини амнияти

иқтисодӣ нигаронида шудааст ва қисми таркибии он амнияти сармоягузорӣ мебошад.

**2. Саҳми шахсии довталаб.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии ба анҷомрасонидаи докторант ба шумор меравад. Дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия, давраи иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъ ва коркарди маводи назариявию методӣ муаллиф мустақилона фаъолият намудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ илман асоснок карда шудааст.

**3. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Муаллиф мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, методологияи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили масъалаҳои амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ, таъсири механизми давлатии ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи сармоягузорон, омилҳои институтсионалии дохилӣ ва хориҷии таъмини амнияти сармоягузорӣ ва таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти сармоягузорӣ истифода намудааст. Хулосаву тавсияҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва истифодаи методологияи муосир асос меёбанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда усулҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, моделсозӣ, абстрактии мантиқӣ, таҳлилу синтез, тарҳсозии риёзиву иқтисодӣ, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ, рушд ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

**Ҳадафи таҳқиқот.** Мақсади тадқиқоти диссертсионӣ муайяннамоӣ ва омӯзиши омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии таъмини сармоягузории хориҷӣ ва амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити равандҳои ҷаҳонишавии муосир дар иктисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва методӣ оид ба омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар ин самт ифода ёфтаанд. Натиҷаҳои нисбатан муҳим аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шудаанд.

1. Асоснок карда шудааст, ки рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо, махсусан, байни давлатҳои рӯ ба тараққӣ хусусият ва шаклҳои ҷалби сармояи хориҷиро дар мамлакатҳои Осиё тавсиф мекунад. Чунин муборизаи рақобатӣ пеш аз ҳама дар соҳаи тағйирёбии ниҳодҳо барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар ин кишварҳо зоҳир мешавад ва зиёдтар аз вазъи геосиёсии ҷаҳон ва минтақаи Осиё вобаста аст. Воситаҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо, аз ҷумла, ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ мебошанд, ки онҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ин кишварҳо нигаронида шудаанд. Ҳамзамон, чунин сиёсати рақобатпазир оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба тақвияти таъсири бозингарони асосии ҷаҳонии геосиёсӣ (ИМА, ИА, Чин, Россия) ба кишварҳои минтақаи Осиё мусоидат мекунад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазъият ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла, сармоягузорӣ дар давраи ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти хеле муҳим дорад.

2. Таснифоти хавфҳои глобалии сармоягузорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои минтақаи таъсиррасонӣ, давомнокӣ ва миқёси таъсири онҳо, сабабҳои пайдоиши онҳо, пешгӯии натиҷаҳо ва сатҳи имконпазири таъсири онҳо дар шароити глобализатсияи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудааст. Дар кор нишон дода шудааст, ки таҷрибаи моделҳои амрикоӣ, ҷопонӣ ва тайвании танзими давлатии сармоягузорӣ ва таъмини амнияти сармоягузорӣ талаб мекунад, ки дар баробари институтҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, шарикии фаъоли давлат бо

бахши хусусӣ, низоми бонкии рушдкарда ва бозори фондӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар зарур аст.

3. Тақсимот (дезагрегатсия)-и нишондиҳандаи интегралии амнияти сармоягузории Ҷумхурии Тоҷикистон дар шароити байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ гузаронида шуда, таҳлили муқоисавии он нисбат ба мамлакатҳои узви Бонки рушди Авруосиё пешниход карда шудааст. Дар кор қайд карда, шудааст, ки аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои пасттар, нисбат ба аксари кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё дорад ва ин ба мавҷудияти хавфҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва асъорӣ вобаста мебошад, ки сармоягузори хориҷӣ бо онҳо дучор мегардад.

4. Ҳангоми омӯзиши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ, муаллиф модели таҳлилии регрессионӣ-коррелятсиониро таҳия намудааст, ки таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро аз ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия ва озодии иқтисодиро тавсиф мекунад. Хусусияти модел ин ҳисобкунии вобастагии омории ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷузъҳои таъсиркунанда ба фазои сармоягузорӣ мебошад, ки баҳисобгирии миқдории онҳо (шохиси коррупсия ва озодии иқтисодӣ) душвор аст ва дар асоси арзёбиҳои коршиносони байналмилалӣ муайян карда шуда, аз маҷмӯи кулли нишондиҳандаҳо иборат аст. Дар асоси ҳисоби гузаронидашуда, муаллиф тавсия медиҳад, ки ба таркиби сиёсати сармоягузории кишвар (дар баробари реҷаи аллакай истифодашавандаи зиёдтар мусоидаткунанда) низоми шаффофияти сармоягузорӣ ворид карда шавад, ки он фазои сармоягузории кишварро беҳтар намуда, воридшавии устувори сармояи хориҷиро ба кишвар таъмин менамояд.

5. Фарқи байни хусусияти суроғавӣ ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ ва таъсири эҳтимолии онҳо ба иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки шакли

минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар намуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муассири ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба равандҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин, фишанги танзимкунии давлатӣ мебошад, ки ба бартараф таҳдидҳои сармоягузории суроғавӣ нигаронида шудааст. Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ба иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои геоиқтисодӣ барои тавсеаи шаклҳои минтақавии сармоягузориҳои хориҷӣ хос мебошад, ки бо бунбасти ҳудудию коммуникатсионии кишвар алоқаманд аст. Имкониятҳои таҳкими амалияи шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар чунин шаклҳои МОИ, аз қабили минтақаҳои рекреатсионӣ ва инноватсионӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба ворид намудани иқтидори захиравии кишвар ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд.

6. Дар асоси модели эконометрикӣ, ки вобаста будани ҳаҷми маҳсулоти содиротии истеҳсолкардаи корхонаҳои муштаракро бо ҷалби сармояи хориҷӣ аз шумораи онҳо ва ҳаҷми сармояи ба онҳо гузоштташуда тавсиф мекунад, исбот карда шудааст, ки воридшавии сармояи мустақими хориҷӣ барои мамлакат хеле муфид мебошад, нисбат ба қарзҳо, ки онҳо сатҳи баланди қарзи беруниро ташкил медиҳанд. Дар кори диссертатсионӣ муодилаи тамоюл (тренд) барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак барои асоснок намудани таҳкими иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ҳисоб карда шудааст.

7. Ҳангоми омӯзиши фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳамкории мутақрбили онҳо бо иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, муаллиф механизми ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузоронро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст, ки он дар худ усулҳои идоракунии иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии мусоидат ба сармоягузорон, рушди инфрасохтори сармоягузориро дар шакли МОИ ва чораҳоро оид ба ҳифзи сармоягузорон дар бар мегирад.

8. Роҳҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, муаллиф ҳисоби дигаргуниҳои

сохториро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисоб намуда, дар асоси он хулоса баровардааст, ки дар шароити иқтисодиёти кушод соҳаҳои саноат ва хизматрасониҳои молиявӣ бештар динамикӣ, каме сусттар, вале хеле самаранок соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва алоқа рушд кардаанд. Самараи пасти маблағгузорӣ дар рушди соҳаҳо дар сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ мушоҳида карда мешавад. Дар кори диссертатсиони иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат бо истифода аз модели коррелятсионие тасвир шудааст, ки тағйироти сохтории соҳаҳоро вобаста аз ҳаҷми сармоягузориҳо ба назар мегирад. Ҳисобҳои анҷомдода собит намуданд, ки ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба бузургии шохиси интегралии рушди устувор ва чун натиҷа ба рақобатпазирии ҷаҳонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад.

9. Омилҳои берунӣ ва дохилӣ муайян карда шудаанд, ки барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид эҷод мекунанд. Ба омилҳои берунӣ равандҳои ҷаҳонишавие дохил мешаванд, ки рушди нобаробари иқтисодии кишварҳоро таҳким мебахшанд ва дар онҳо кишварҳои мутараққӣ дар мубориза барои захираҳои табиӣ ва доираи таъсир ба кишварҳои донор ба ивази сармоягузорӣ шартҳои худро мегузоранд. Омилҳои дохилӣ иборатанд аз: сатҳи баланди коррупсия, сарбории баланди андоз, сатҳи пасти озодии иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ, самаранокии нокифояи низоми бонкӣ дар кишвар. Сармоягузорони берунӣ таҳлили омилҳои мазкурро мегузаронанд, зеро муҳиммияти баланди ин нишондиҳандаҳо хавфи фаъолияти сармоягузориро барои сармоягузорони берунӣ зиёд мекунанд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти он дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** - дар ҷамъбаст кардани илмӣ-амалии тадқиқоти чандинсолаи муаллиф аз рӯи нуқтаи назари гуногуни ташаккулёбӣ ва рушди тамоми ҷанбаҳои амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавии робитаҳои хоҷагии он ва ҷалби сармояи хориҷӣ иборат мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба таҳия ва танзими тадбирҳои амнияти сармоягузорӣ дар заминаи сармоягузории хориҷӣ дахл доранд, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии кишвар ва рушди иқтисодии он мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар фаъолияти худ муассисаҳои давлатии масъул ба назорати фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва рушди фаъолнокии сармоягузории кишвар истифода намоянд. Маводҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Амнияти сармоягузории байналхалқӣ», «Сармоягузориҳои байналмилалӣ», инчунин, дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои назария ва амалияи «Сиёсати сармоягузорӣ», «Бизнеси байналхалқӣ», «Бозори байналхалқии коғазҳои қиматнок», «Амнияти иқтисодӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ» истифода бурд.

Мутобиқати мазмуни таҳқиқот бо ихтисоси интихобшуда. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.13 – иқтисодиёти ҷаҳон мувофиқат мекунад: б.28 Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо; б.27 Амнияти иқтисодии байналмилалӣ ва миллӣ. Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б. 25 Иқтисодиёти миллии мамлакатҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: масъалаҳои муносибгардонии ҳамкориҳои мутақобил ва таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ. Тазодҳои байналхалқии иқтисодӣ, сабабҳо ва тарзҳои ҳалли онҳо; б. 24 Фаъолияти

байналмилалии бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ ва суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Таъйиди (Апробатсияи) мавзӯи таҳкикот дар ҷаласаи кафедраи (дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои иктисодии байналхалкии факултети молиявию иктисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 28.12.2013, №5), факултет (дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иктисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 21.01. 2014, №6) ва Шӯрои олимони Донишгоҳ (карори Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 28.02.2014, №10) гузаронида шудааст Инчунин, натиҷаҳои таҳкикот дар шакли маърӯзаҳои шифоҳӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Стратегияҳои трансформатсияи рақамӣ ва идоракунии бизнес-равандҳо», (Москва 2021), Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои такмили механизмҳои молиявию карзии рушди иктисоди миллӣ» (Душанбе 2021), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатия» ва «Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ: векторҳои ҳамкорӣ ва дурнамои рушд» (Душанбе 2021), Семинари ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба «Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзӯи: «Танзими давлатии молиявии рушди иктисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», (Душанбе 2021), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «XII Ломоносовские чтения» бахшида ба 30-солагии баркарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумхурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе (ш. Душанбе 2022), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Омилҳои иктисодии хориҷии татбики ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе 2022), V- умин Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Илм ва технолгия» дар мавзӯи: «Сущность и основные

компоненты инвестиционной безопасности Республики Таджикистан» (Казокистон, ш Алмаато 2022) ироа шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 25 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ 59,33 саҳ., аз ҷумла, 3 монография бо ҳаҷми 20,7 ҷ.ч., васоити таълими бо ҳаҷми 35,3 ҷ.ч ва 19 мақола дар нашриёҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ 9,3 ҷ.ч. нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, панҷ боб иборат аст аз 17 зербоб, хулоса, библиография иборат аст. Кор дар 432 саҳифа, 53 ҷадвал ва 89 расм оварда шудааст. Рӯйхати библиографӣ 250 номгӯйро дар бар мегирад.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:

**Монографияҳо:**

1. Республика Таджикистан на пути к открытой экономике; очерки институционального анализа. Коллективная монография, г.Душанбе «Ирфон». 2008 С 220

2. Малая открытая экономика Республики Таджикистан: вопросы привлечения региональных форм иностранного инвестирования. г. Душанбе. Ирфон -2012. С 112

3. Иқтисоди хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои ҷалби шаклҳои минтақавии сармоягузориҳои хориҷӣ. ш. Душанбе Таъбу нашр -2020. С 130

**А) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

1. Кодиров Ф.А. Принципы интегрированности иностранных инвестиций в национальную экономику//Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2008. №2. С.82

2. Саидмуродов Л.Х., Солиев А., Мирбобоев Р.М., Кодиров Ф.А. Мировой финансовый кризис и его уроки для экономики Мировой

финансовый кризис и его уроки для экономики Таджикистана Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2009. №5 (53) С 30-36

3. Кодиров Ф.А. Правовые аспекты формирования инвестиционного климата и экономическая безопасность// Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2010. №6 (62). С 102

4. Кодиров Ф.А., Солиев А.А. Современная парадигма экономического развития в рамках экономической интеграции//Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2013. №2 (5). С 3-7

5. Кодиров Ф.А., Саидмуродова М.А. Теоретические проблемы обеспечения продовольственной безопасности в условиях перехода к рыночным отношениям //Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2014. №2 (10). С 117-121

6. Кодиров Ф.А., Солиев А.А., Гулмамадов А.В, Абдуллоева Л.И. Кластерный принцип организации производства и привлечения иностранных инвестиций// Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2014. №2 (10). С 3-10

7. Имомёрбеков Ф.М., Кодиров Ф.А. Предпринимательская деятельность как форма внешнеэкономической деятельности и факторы его развития// Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2016. №2 (1) С 14-17

8. Кодирзода Ф.А Интеграция Республики Таджикистан в ЕАЭС: потенциальные выгоды и издержки// Вестник Таджикского национального университета. 2020. №9 С 34-39

9. Кодирзода Ф.А Классификация и взаимозависимость макроэкономических и инвестиционных рисков //Вестник Таджикского национального университета. 2020. серия 4 (2) С 12-20

10. Кодирзода Ф.А Внешний и внутренний вектор ориентированности торговых связей стран ЕАЭС//Вестник РТСУ Душанбе. 2020. №3(71) С 73-81

11. Кодирзода Ф.А Приоритетные направления инвестиционной политики Республики Таджикистан//Вестник Московской академии предпринимательства. 2021. №1. С 67-73

12. Кодирзода Ф.А. Роль иностранных инвестиций и обеспечение экономического роста Республики Таджикистан//Финансово-экономический вестник Таджикского финансово-экономического университета. Душанбе. 2021. №1 (25). С 62-68

13. Кодирзода Ф.А. Анализ основных тенденций инвестиционного климата в Республике Таджикистан//Экономика и управление: проблемы, решения. 2021. №2 т.1 (110) С 154-159

14. Кодирзода Ф.А. Роль банковской системы в процессе глобализации и регулирования инвестиционной безопасности Республики Таджикистан. Вестник РТСУ, Душанбе 2021, №3-4 (75) С 95-104

15. Кодирзода Ф.А. Иностранные инвестиции в эпоху глобализации мировой экономики. Вестник ТНУ, серия социально-экономических и общественных наук, Душанбе 2022, №3 С 21-27

16. Кодирзода Ф.А. Анализ внешних институциональных факторов обеспечения инвестиционной безопасности Республики Таджикистан в период глобализации. Вестник ТНУ, серия социально-экономических и общественных наук, Душанбе 2021, №7 С 50-55

17. Кодирзода Ф.А. Раванди ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба бахшҳои афзалиятноки кишвар. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе 2021, №4 (76) С 161-173

18. Кодирзода Ф.А. Таджикистан в условиях глобализации: международные и региональные аспекты. Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, Душанбе 2022. С 270-277

19. Кодирзода Ф.А. Сущность и основные компоненты инвестицинной безопасности Республики Таджикистан. Издательство: ОФ "Международный исследовательский центр «Endless Light in Science» Алматы, 2022 (Нур-Султан) С 56-60

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Дар асоси пешниҳоди муққаризи холис доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва туризми ДМТ Умаров Х. номи мавзӯи кори илмии докторант ҚодирзодаФ.А., таҳти унвони «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» пешниҳод гардида ба мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;

2. Диссертатсияи доктории Қодирзода Ф.А., дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13-Иқтисоди ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад;

3. Диссертатсияи доктории Қодирзода Ф.А., дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13-Иқтисоди ҷаҳонӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии мувофиқ пешниҳод карда шавад;

4. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси Шӯрои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022, суратҷаласаи №5 қабул гардидааст.

Раиси Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии ДМТ д.и.и., профессор — Иброҳимзода И.Р.

Котиби илмии Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии ДМТ н.и.и., м/к — Ғаюров Ғ.Ҳ.

Муқарриз:
Профессори кафедраи «Молия ва қарз»-и Донишгоҳи славянии Русия – Тоҷикистон — Ашуров И.С

Муқарриз:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва туризм, факултети молиявию иқтисодии ДМТ. — Умаров Ҳ.У.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
«___»________________ 2022 с.

Сардори шуъбаи кадрҳо ДСРТ — Раҳимов А.А.
«___»________________ 2022 с.